## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич "Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади имлҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа**

Таҳқиқу баррасӣ ва таҳлили масъалаи инсон, махсусан таълимоти фалсафӣ ва этикӣ-эстетикии мутафаккирони тоҷик, ки ба фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳон саҳми босазои худро гузоштаанд, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми илми ҷомеашиносии тоҷик, алалхусус фалсафа ба шумор меравад. Назаргоҳи аксиологӣ нисбат ба масъалаҳои инсон, мақом ва мартабаи он, нақши инсон дар дигаргунсозии олам ва худ бошад, бархӯрдҳои нави омӯзиши инсон буда, хусусан дар замони муосир мубрам ва муҳимманд, зеро хавфу хатарҳои муосир нисбат ба фарҳангҳо, кӯшишҳои ночиз нишон додани арзишҳои бунёдии ахлоқиву башарӣ натанҳо метавонанд фарҳангу тамаддунро аз байн баранд, балки таҳдид ба худи инсоният доранд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти Абдуллоев А.А. дар мавзуи "Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа хеле муосиру муҳим ва пайдошуда аз ниёзмандиҳои маънавии ҷомеаи тоҷик ба назар мерасад.

Қобили зикр ва дастгирист, ки муаллиф асосҳои назаривии таҳқиқоташро дар заминаи назария ва консепсияҳои фалсафии мутафаккирони классикӣ бунёд гузошта, даст ба методи бархӯрди аксиологӣ дар таҳлили масъалаи инсон ва шахс, зуҳуроти ҷамъиятӣ ва таҳлили ахбор задааст, ки ибтикори нави илмист.

Методи мазкур мубрамияти таҳқиқоти Абдуллоев А.А.-ро афзуда ба ӯ имкон додааст, то аввалин бор дар фалсафаи тоҷик самти арзишшиносиро ҳамчун равияи таҳлили фалсафӣ ба кор барад ва онро дар муайян намудани мақом ва манзалати инсон мавриди истифода қарор диҳад. Муаллиф дар таҳлили ахлоқи ирфонии Мавлоно маҳдуд нашуда, аз тариқи таҳлили аксиологӣ мавзуъро васеътар мегирад ва ҷанбаҳои арзишҳои маънавии мероси Мавлоноро ҳамчун категорияҳои универсалии ахлоқӣ баррасӣ ва асоснок менамояд. Дар баробари навгониҳои муҳимми дигар муаллиф аввалин бор арзишҳои ахлоқӣ-эстетикии таълимоти Мавлоно оид ба инсон таҳлил намуда, бунёди эстетикии таълимоти Мавлоноро ҳамчун ҳудудҳои таълимоти «инсони комил» муқаррар кардааст, ки саҳми муаллиф дар рушди эстетикаи тоҷик ба шумор меравад.

Дар баробари дастовард ва навовариҳои боиси таҳсин, пешниҳоде доштам, ки муаллиф оҳанги таҳқиқи масоили эстетикии Мавлоноро боз ҳам баландтар намуда, ин ҷанбаро васеътар пешниҳод мекарданд. Зеро саҳми Мавлоно дар рушди фарҳанги тоҷик нодир буда, дар соҳаи шеърияти олӣ, оҳангу мусиқӣ бошад ҳам, он то ҳол муҳаққиқи худро

пайдо накардааст. Муҳтавои автореферат оид ба тадқиқоти диссертатсионӣ тасаввуроти комил ҳосил менамояд. Хулосаҳои муҳаққиқ илман асоснок ва нишондиҳандаи асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқот мебошанд.

Ҳамин тариқ, дастоварди асосии кори диссертатсионии мазкур, ин ироаи фикр ва мулоҳизаҳои худи муаллиф дар рисола аст, ки ба таври муъҷаз дар автореферат ба назар мерасад. Махсусан дар қисмати охири автореферат хулосаҳои худи муаллиф оварда шудаанд, ки аз савияи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ доштани муаллиф дарак медиҳад.

Зимнан, автореферати диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи «Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03. – таърихи фалсафа ҳамчун амали мустақилона, мукаммал ва дорои аҳамияти муҳимми илмии ҷавобгӯ ба талабот ва шартҳои дарёфти дараҷаи илмӣ (тибқи банди 72-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) ҳисобида, муаллифи онро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мешуморам.

**Ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон**
**ба номи Имоми Аъзам- Абуҳанифа,**
**номзади илмҳои фалсафа** **Зокирзода Н.М.**

Суроғa: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Шодмонӣ 58/1,
Донишкадаи исломии Тоҷикистон
ба номи Имоми Аъзам- Абуҳанифа,
тел.: + 992 908 908 515 ; 224 13 78
email: nusrat68@mail.ru

**Имзои Зокирзода Н.М. тасдиқ мекунам.**

**Сардори шуъбаи кадрҳои ДИТ ба номи**
**Имоми Аъзам- Абуҳанифа** **Ҷомадов Х. А.**

12. 12. 2024